Ба Шурои диссертатсионии 6D.К0А - 017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 44).

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ Абдуалимзода Ҳакимбек Абдуалим - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсияи Изатуллои Ҳабибзод дар мавзуи «Самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (Амнияти иқтисодӣ).**

## I. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.

Дар раванди тезу тунд шудани рақобати байналмилалӣ ва авҷгирии раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёт ҳар як давлат вобаста ба шароит ва истифодаи захираҳои табиӣ ва иқтисодӣ бо мурури замон рушд менамояд.

Инчунин дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа нақши давлат сифатан тағйир ёфта, дар сиёсати он чунин самтҳое ба мисли бунёд ва ташаккули унсурҳои асосии иқтисоди бозорӣ, таъмини суботи иҷтимоӣ, амнияти молиявӣ, иқтисодӣ ва миллӣ пайдо мешаванд.

Амнияти молиявӣ як қисми асосии низоми молиявӣ ба ҳисоб рафта, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат нақши калидӣ дорад. Таъмини амнияти молиявӣ ба ҳар як мамлакат имконияти пешбурди соҳаҳои дахлдор, аз ҷумла рушди соҳибкорӣ, рушди истеҳсолот, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, рушди иқтисодӣ ва дигар масъалаҳои иқтисодӣ иҷтимоиро ҳаллу фасл менамояд.

Дар айни замон, дар назди илми иқтисодии ватанӣ яке аз масъалаи ҳалталаб муқаррарсозии самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ба шумор меравад.

Бинобар ин, дар марҳилаи муосир, вақте ки таъмини амнияти молиявӣ ба роҳ монда мешавад, масъалаҳои фаҳмиши назариявии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳамияти хос пайдо мекунад.

Аз ин лиҳоз, зарурияти дар асоси истифодаи корҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ гузаронидани таҳлилҳо ва баҳогузории самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити

ҷаҳонишавӣ, асосноккунӣ ва коркарди самтҳои афзалиятноки мукаммалсозии он ба миён омадааст.

Ҳамин тавр, айни замон мавзуи диссертатсия муҳиммияти рӯзмарраро ба худ касб намудааст.

## II. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (Амнияти иқтисодӣ) мувофиқат мекунад:

12.1. Назарияи амнияти иқтисодӣ (категория, методология, усулҳо, механизмҳо ва абзорҳо); Типологияи амнияти иқтисодӣ; муҳимтарин аломатҳои тасниф (соҳавӣ, функсионалӣ, ниҳодӣ, минтақавӣ) ва абзорҳои танзими он; Арзишҳои ҳадди ниҳоии амнияти иқтисодӣ ва усулҳои муайян кардани онҳо; Таснифи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт (истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ, тиҷорати берунӣ, ҳарбӣ-саноатӣ ва ғайра); Механизмҳои пайдоиши ҳолатҳои буҳронӣ, ки сатҳи амнияти иқтисодиро коҳиш медиҳад ва тадбирҳои пешгирии онҳо; Механизмҳои ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва баланд бардоштани "захираи устуворӣ"-и нишондиҳандаҳои аввалияи (пороговых) амнияти иқтисодӣ; Манфиатҳои миллии мамлакат дар соҳаи иқтисодиёт ва баррасии онҳо ҳангоми ташаккули сиёсати иқтисодии давлат ва таҳияи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ;

12.23. Муаммоҳои ҳамгироии Тоҷикистон дар хоҷагии ҷаҳонӣ ва амнияти иқтисодии он;

12.26. Таҷрибаи хориҷии баланд бардоштани амнияти иқтисодӣ (методҳо, механизмҳо, абзорҳо ва мутобиқшавии онҳо дар шароити Тоҷикистон).

## III. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.

Дар диссертатсия аз тарафи муаллиф натиҷаҳои назарраси назариявӣ ва амалӣ оид ба коркарди равишҳои консептуалии таъмини амнияти молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии паст намудани таҳдидҳои амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ба даст овардашуда ба ҳимоя пешниҳод кардааст. Аз нуқтаи назари мо, унсурҳои муҳимми навгониҳои илмии диссертатсия чунинанд:

– асосҳои назариявӣ ва методии таъсири ҷаҳонишавӣ ба амнияти молиявӣ муқаррар карда шудааст, хусусиятҳои хоси ҷаҳонишавии молиявӣ ошкор карда шуда, аз тарафи муаллиф таърифи нави амнияти молиявӣ

пешкаш карда шуда, самтҳои асосии он ошкор ва вазифаҳояш мушаххас карда шудаанд.

– дар асоси таҳқиқи таҷрибаи хориҷии таъмини амнияти молиявӣ оқибатҳои мусбат ва таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ ба низомҳои молиявии иқтисодиётҳои миллӣ мушаххас карда шуда, хусусияти муқовимати кишварҳо ба он дақиқ ва роҳҳои татбиқи механизмҳои пешрафтаи хориҷии таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

- арзёбии вазъи муосир ва тамоюли устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҳлили қимматҳои воқеӣ ва ҳадду ҳудудии нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи ҳолати амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, омилҳои дохилӣ ва берунии таҳдидкунанда ба дараҷаи амнияти молиявии кишвар ошкор карда шуда, нишондиҳандаҳои низоми молиявии кишварро аз рӯйи қиммати воқеӣ ва ҳадду ҳудудии он гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

- асосҳои институтсионалии таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас карда шуда, вазифаҳои ниҳодҳои таъмини амнияти молиявӣ муқаррар, роҳҳои самаранокгардонии сохтори институтсионалии амнияти молиявӣ пешниҳод карда шудааст, мушкилоти қонунгузорӣ дар самти таъмини амнияти молиявӣ ошкор карда шудаанд.

- самтҳои стратегии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ пешниҳод карда шуда, таҳкими амнияти молиявӣ як раванди дарозмуҳлат арзёбӣ гардидааст, зарур шуморида шудааст, ки ҷустуҷӯи роҳҳои дастёбӣ ба он дар ячейкаҳои аввалини таъмини амнияти молиявӣ оғоз карда шавад.

- механизми ташкилӣ-иқтисодии паст намудани таҳдидҳои амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ коркард карда шудааст, ки низоми доимоамалкунандаи ошкорсозӣ, арзёбӣ ва идоракунии таҳдидҳои молиявиро инъикос намуда, устувории низоми молиявиро кафолат медиҳад;

– тавсияҳои илмию амалӣ оид ба мукаммалсозии механизми назорати давлатии молиявӣ дар самти таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд. Исбот карда шудааст, ки татбиқи механизми пешниҳодшуда ба беҳтар шудани вазъи молиявии давлат, нигоҳдории нишондиҳандаҳои он дар минтақаи субот равона гардидааст.

## IV. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.

Асоснокӣ ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд, дар натиҷаи ҷамъоварӣ, омӯзиш ва таҳқиқи шумораи зиёди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таълифоти олимону муҳаққиқон доир ба масоили устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ, татбиқи усулҳои муосири ҷамъкунӣ ва коркарди иттилоот,

инчунин истифодаи васеи маълумоти оморӣ ва усулҳо ва равишҳои дониши илмӣ (таърихӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, моделсозии мантиқӣ, гурӯҳбандӣ, равишҳои системавӣ) ба даст оварда шудаанд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаву тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо натиҷаҳо ва навгониҳои илмӣ аз ҷониби муаллифи диссертатсия мустақилона ба даст овардашуда, муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, инчунин интишороти натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда тасдиқ гардидаанд.

### V. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.

Муқаррароти асосии илмию амалӣ ва хулосаҳои назариявии кори диссертатсионӣ назаррас буда, метавонанд барои такмили самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ истифода шаванд. Пешниҳоди тартиб ва усулҳои алоҳидаи самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ дар диссертатсия мавҷуд буда, метавонанд дар таҳқиқоти раванди таълимии факултетҳои иқтисодии мактабҳои олии мамлакат, зимни гузаронидани машғулиятҳо аз фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Амнияти иқтисодӣ», «Амнияти молиявӣ», «Пул қарз бонк» ва ғайра инчунин, дар раванди таҳияи барномаҳои иҷтимоию иқтисодии таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҷалби қарзи хориҷӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ҳангоми баҳодиҳии фаъолияти муассисаҳои қарзӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи стратегияҳои таъмини амнияти молиявии мамлакат, такмили заминавию институтсионалии фаъолияти муассисаҳои молиявӣ истифода карда шаванд.

### VI. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшаванда.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф 8 мақолаи илмӣ, 4,09 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонидааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф дарҷ гардидааст.

### VII. Тавсифи умумии кори диссертатсионӣ.

Мундариҷаи асосии диссертатсия аз 182 саҳифаи чопи компютерӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар он 22 ҷадвал ва 9 расм ҷой дода шудааст.

Дар муқаддима мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, дараҷаи навгонии илмӣ, мавзуъ ва объекти таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, пойгоҳи иттилоотӣ асоснок карда шуда, инчунин муқаррароте махсус қайд

карда шудаанд, ки навгонии илмӣ ва аҳамияти илмӣ-амалӣ, таъйидии натиҷаҳои бадастомадаро тавсиф менамоянд.

Дар боби якуми диссертатсия, ки «Асосҳои назариявии таъмини амнияти молиявии мамлакат дар шароити ҷаҳонишавӣ» ном дорад, унвонҷӯ равишҳои назариявии таҳқиқи ҷаҳонишавии молиявӣ дар шароити муосир, таҳқиқи равишҳои методии арзёбии сатҳи амнияти молиявии мамлакат дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таҷрибаи хориҷии таъмини амнияти молиявӣ дар шароити ҷахонишавӣ ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор додааст (Саҳ.15-70).

Муаллифи диссертатсия дар асоси омӯзиши ақидаҳои олимон роҷеъ ба мафҳуми ҷаҳонишавии молиявӣ ба хулосае меояд, ки ҷаҳонишавии молиявӣ раванди объективии баҳамназдикшавӣ ва марҳилаи ниҳоии байналмилалишавии низомҳои миллии молиявӣ ба шумор меравад, ки дар натиҷаи вусъатёбии ҳамгироии молиявӣ, озодкунии ҳаракати сармоя, вусъатёбии амалиётҳои байнисарҳадии пулию қарзӣ ба вуҷуд омада, маҷмӯи муносибатҳои хоҷагидориро дар самти банақшагирӣ, ҷамъоварӣ, истифодабарӣ ва идоракунии молияи ҷаҳонӣ, дар асоси ҷорӣ намудани стандартҳои ягонаи байналмилалӣ дар тамоми курраи ҷаҳон ифода менамояд (Саҳ.155).

Ба андешаи мо, таърифи пешниҳод намуда, нисбати таърифҳои ҷойдошта нисбатан паҳлуҳои васеъи ҷаҳонишавии молиявиро дарбар мегирад. Махсусан, он ҷаҳонишавии молиявиро чун раванди объективии доимо дар рушд буда, фарогирандаи тамоми курраи замин инъикос менамояд.

Унвонҷӯ дар диссертатсияи илмӣ қайд менамояд, ки дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва вобаста гардидани давлатҳо аз ҳамдигар, масъалаи таъмини амнияти молиявии кишварҳо дар чунин сатҳе зарур мегардад ва имконияти ҳалли мушкилоти бахшҳои гуногуни иқтисодиётро тахмин намуда, комилан аз нав бунёд намудани низоми молияи мамлакатро мусоидат менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳар як давлат ба таҳдиду хатарҳои дохилӣ ва берунии дорои хусусияти гуногун - иқтисодӣ, молиявӣ, сиёсӣ, экологӣ ва ғайра дучор мешавад. Барои муайян кардани таҳдидҳои мазкур ва таҳияи маҷмӯи тадбирҳое, ки ба бартараф кардан ё маҳдуд кардани таъсири эҳтимолии онҳо нигаронида шудаанд, бояд равишҳои нави илмӣ коркард карда шаванд, ки имконияти таъсиси амнияти молиявиро дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти хоҷагидорӣ ба роҳ монда тавонад (Саҳ 30).

Унвонҷӯ роҷеъ ба ҷаҳонишавии бозорҳои молиявӣ, ки зери таъсири як қатор омилҳо ба вуҷуд омадаанд,онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо менамояд:

а) омилҳои микдорӣ, ки ба афзоиши ҳаҷми муомилоти молиявӣ алоқамананд: афзоиши ҳаҷми пасандозҳо аз аҳолӣ, гуногунрангсозии портфели хизматрасониҳо ва воситаҳои молиявӣ, озодкунии низомҳои миллии молиявӣ, рушди ҳамгироӣ дар давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва ғайра асос ёфтаанд;

б) омилҳои сифатӣ, ки афзоиши рақобати байналмилалӣ, рушди ҳамгироии бозорҳои байналмилалӣ, аз байн рафтани сарҳади ҷуғрофии қисматҳои алоҳидаи бозорҳои молиявӣ, рақамикунонии бозорҳои молиявӣ ва ғайраро ифода менамоянд (Саҳ 32).

Аз тарафи муаллиф нишондиҳандаҳои амнияти молиявӣ бо меъёрҳои амнияти иқтисодӣ дуруст таҳлил ва гурӯҳбандӣ шудааст (Саҳ 40.).

Вобаста ба таҷрибаи хориҷии таъмини амнияти молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҷӯ рейтинги давлатҳои ҷаҳон вобаста ба воридоти софи сармоягузории мустақими хориҷиро таҳлил ва баҳогузорӣ намудааст.

Таҳқиқоти таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар рейтинги ҷалби сармояи хориҷӣ ИМА, Чин, Олмон, Бразилия, Гонконг, Сингапур, Ирландия, Австралия, Фаронса ва Британияи Кабир пешсаф мебошанд. Ин ифодагари суботи молиявӣ дар ин мамлакатҳо ба шумор меравад (Саҳ. 51).

Боби дуюми диссертатсияи мазкур оид ба омӯзиши « Арзёбии вазъи муосир ва тамоюли устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» бахшида шудааст.

Масъалаҳои асосие, ки дар ин асосҳои институтсионалии таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ, арзёбии вазъи муосир ва қимматҳои ҳудудии таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии таъсири бесуботии молиявии ҷаҳонӣ ба амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд (Саҳ 71-106).

Ба андешаи муаллиф барои баҳогузории масъалаҳои таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таҳқиқи низоми нишондиҳандаҳои амнияти молиявӣ пеш меояд. Низоми нишондиҳандаҳои амнияти молиявӣ воситаи муҳимми муайян кардани вазъи низоми молиявии давлат ба ҳисоб меравад.

Дар ин раванд нишондиҳандаи «қиммати ҳадди ҳудудӣ» истифода карда мешавад, ки он дар асоси нишондодҳои макроиқтисодӣ ташаккул меёбанд, ки манфиатҳои назарраси миллиро инъикос мекунанд ва аз ҷониби вазорату муассисаҳои дахлдор тасдиқ карда мешаванд. Нишондиҳандаҳои муҳимми муаррификунандаи вазъи амнияти молиявии кишвар ба андешаи муаллиф чунин мебошанд: сатҳи таваррум, нишондиҳандаи касри буҷет, ҳаҷми қарзи беруна, дороиҳои умумии низоми бонкӣ, меъёри кифоягии сармояи бонкҳо, афзоиши ҳаҷми пул ва ғ. (Саҳ. 86).

Мувофиқи ақидаи муаллифи диссертатсия нишондиҳандаи дигари муҳим дар арзёбии амнияти молиявии кишвар таносубияти касри буҷети кишвар нисбати ММД ба шумор меравад, ки ҳолати ғайриустуворро дар фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидорӣ инъикос менамояд ва муаллиф онро пурра таҳлил ва баҳогузорӣ намудааст (Саҳ. 88).

Вобаста ба арзёбии таъсири бесуботии молиявии ҷаҳонӣ ба амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки сабаби асосии ҳолати бесуботӣ дар низоми молияи ҷаҳон агар аз як

тараф ба бӯҳрони COVID-19 алоқаманд бошад, аз тарафи дигар ноороми вазъи сиёсии ҷаҳон, авҷгирии сиёсати таҳримӣ, муҳорибаҳои сиёсӣ байни давлатҳои абарқудрат оид ба аз нав тақсим намудани захираҳои ҷаҳонӣ устувории низоми молияи ҷаҳониро зери шубҳа қарор додан ба ҳисоб меравад (Саҳ.96).

Таҳқиқоти гузаронидаи олимони хориҷӣ дар самти бухронҳои иқтисодиву молиявӣ дар солҳои охир нишон дод, ки дар соли 2020 дар ҷаҳон фаъолнокии пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ба дараҷаи назаррас коҳиш ёфт, ки чунин ҳолат ҳатто дар давраи бухрони молиявии солҳои 2008-2009 ба чашм нарасидааст. (Саҳ. 97).

Ба андешаи муаллиф бесуботии молиявии ҷаҳонӣ метавонад, чунин хавфҳоро дар самти таъмини амнияти молиявии мамлакат пеш орад:

- хавфҳои институтсионалӣ ва танзимкунӣ, ки ба механизми номукаммали танзими низоми молия, мавҷудияти монеаҳои баланди маъмурӣ, нақшаи хубтарҳрезинашудаи амал барои таъмини ҳолати босуботӣ, қобилияти пасти миёнаравони молиявӣ ҳангоми идораи хавфҳо алоқаманд аст;
- хавфҳои пулӣ ва молиявӣ, ки ба сохтори ғайримукаммали механизми бароришии пул, ҳамоҳангии нокифояи тадбирҳои сиёсати пулию қарзӣ ва сиёсати молиявӣ, қиммати баланди пул, ки барои ноил гардидан ба мувозинати тақозо ва арза ба пул тариқи воситаҳои анъанавӣ мушкилӣ пеш меорад асос мегирад;
- хавфи фаъолияти муассисаҳои низомсози молиявӣ. (Саҳ. 105).

Қисмати асосии диссертатсияи илмиро фасли сеюми он ташкил медиҳад, ки он «Самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» номгузорӣ карда шудааст.

Дар ин фасл унвонҷӯ кушиш намудааст, ки ба роҳҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ, механизми ташкилӣ-иқтисодии паст намудани таҳдидҳои амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ, таъмини амнияти молиявӣ ба воситаи мукаммалгардонии назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равшанӣ андозад (Саҳ.107-154).

Роҷеъ ба устувор гардонидани амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазъи имрӯзаи рушди бахши молия ва ҳассос гардидани он аз воқеаҳои дар хоҷагии ҷаҳонӣ бавуқуъоянда вобаста ба авҷгирии равандҳои ҳамгироӣ ва ҷаҳонишавӣ, аз як тараф ва риоя нагардидани принсипҳои ҳаракати озоди мол, сармоя ва омилҳои истеҳсолот дар байни давлатҳои абарқудрат аз тарафи унвонҷӯ самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст (Саҳ 108).

Ба андешаи унвонҷӯ барои паст намудани бузургии қарзи андоз дар назди буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули як қатор чораҳо аз қабили самарноксозии низоми пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, ҳавасмандгардонии

субъектҳои фаъолияти хоҷагидор барои гузариш ба режими махсуси андозсупорӣ ва татбиқи чорабиниҳо оид ба дарёфти сарчашмаҳои нави андоз зарур аст.

Ҳадафи асосии таъмини амнияти андозии мамлакат мукаммалгардонии низоми андоз, паст кардани иқтисодиёти соягӣ, назорати самараноки ҷараёни андозситонӣ, зиёд кардани сарчашмаҳои даромади буҷет, паст кардани вазнинии андозҳо, тақсими одилонаи бори андоз дар бахшҳои иқтисодиёти кишвар, таҳкими интизоми молиявию андозӣ ва баландбардории саводнокии кормандони соҳа, фароҳам овардани заминаи устувори рушди бахши молияи кишвар, қабули қонунгузориҳои одилона дар соҳа ба шумор меравад.

Вобаста ба ин масъала дар кори диссертатсионӣ аз тарафи муаллифи кори таҳқиқотӣ самтҳои асосии таъмини амнияти андозӣ пешниҳод карда шудааст. (Саҳ. 133).

Инчунин дар кори диссертатсионӣ аз тарафи муаллифи он барои кам кардани таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ба амнияти молиявии мамлакат дар шароити ҷаҳонишавӣ зарурияти чунин омилҳо пешниҳод карда шудааст:

1. Муайянсозии маҳакҳо ва меъёрҳои низоми молияи давлат, ки ба талаботҳои умумии амнияти молиявӣ ҷавобгӯст;
2. Коркарди механизм ва чораҳои муқаррасозии таҳдидҳо ба амнияти молиявии мамлакат ва тартиби он;
3. Тавсифдиҳии соҳаҳое, ки дар онҳо таҳдидҳо сар мезананд ва соҳаҳое, ки барои бартарафкунии онҳо мусоидат менамоянд;
4. Муқаррарсозии субъектҳои асосии таҳдидҳо, механизми фаъолияти онҳо, меъёрҳои таъсиррасонии онҳо ба иқтисодиёти миллӣ, низоми молиявӣ ва сиёсӣ;
5. Коркарди методологияи пешгӯӣ ва пешгирии пайдоиши омилҳое, ки пайдошавии таҳдидҳои амнияти молиявиро муқаррар месозанд;
6. Гузаронидани таҳқиқотҳои мунтазам оид ба ошкорсозии тамоюл ва эҳтимолияти авҷгирии таҳдидҳои молиявӣ;
7. Ташкили низоми мувофиқи мақомоти назораткунандаи бахши молия дар кишвар;
8. Коркарди механизмҳо ва чораҳои сиёсати молиявию иқтисодӣ ва ислоҳоти институтсионалӣ, ки таъсири омилҳои манфиро суст ё пурра нест менамоянд;
9. Муқаррарсозии меъёрҳои назорати таъмини амнияти молиявии мамлакат. (Саҳ. 140).

Дар хулоса натиҷаҳои илмии бадастомада ва пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф нишон дода шудаанд.

## VIII. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб дар диссертатсия.

Ба андешаи мо дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ баъзе камбудиҳои алоҳидаи онро низ қайд кардан лозим аст, ба монанди:

1. Сифати диссертатсияи илмӣ хеле баланд мешуд, агар муаллиф дар банди 2.2. арзёбии вазъи муосири таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлили муқоисавии қимматҳои ҳудудии амнияти молиявиро ҳамчун қисматҳои муҳимми амнияти иқтисодӣ ба роҳ мемонд.

2. Барои боз ҳам баландтар шудани сифати кори диссертатсионӣ хуб мешуд муаллиф ҳангоми арзёбии таҷрибаи хориҷии таъмини амнияти молиявӣ бештар ба давлатҳои иқтисодиёти хурди кушоддошта таваҷҷуҳ зоҳир менамуд.

3. Дар диссертатсия аз тарафи муаллиф пешниҳод карда шудааст, ки стратегияи таъмини амнияти молиявии мамлакат қабул карда шуда, дар он самти нави рушди иқтисодиёт, пайдарҳамии чораҳои татбиқшаванда, ки барои нигоҳдории сатҳи устувори рушди иқтисодӣ мусоидат менамоянд, муқаррар карда шавад. Аммо, дар баробари ин, аз тарафи унвонҷӯ сарчашмаҳои маблаггузории чорабиниҳои пешбинишуда нишон дода нашудааст, ки омили муҳимми амалишавии он ба шумор меравад.

4. Дар диссертатсия "аз ҷиҳати молиявӣ рушд накардани баъзе минтақаҳои мамлакат" ҳамчун таҳдид ба амнияти молиявӣ арзёбӣ карда шудааст (Саҳ. 125). Аммо аз тарафи муаллиф чунин минтақаҳо дақиқ нишон дода нашудааст.

5. Дар диссертатсия ҷойгоҳи махсусро таҳқиқи динамикаи тағйирёбии қиммати шохиси дарки фасод барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил менамояд. Дар баробари ин аз тарафи муаллиф тавсияҳои зарурӣ барои решакан намудани коррупсия дар мамлакат оварда нашудааст.

Вале ин камбудиҳои зикршуда аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунанд. Дар маҷмуъ бояд қайд кард, ки кори диссертсионии мазкур таҳқиқоти илмии мустақилонаи пурра анҷомёфта мебошад, ки навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти амалиро дар худ таҷассум менамояд. Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навоварии илмии онро ифода менамоянд. Диссертатсияи илмӣ сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои ба даст овардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавиро рушд медиҳанд.

## IX. Мувофиқати диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистои оид ба «тартиби додани дараҷаи илмӣ».

Автореферат фарогири мундариҷаи диссертатсия буда, интишороти муаллиф дар сатҳи кофӣ мундариҷаи корро дар бар мегиранд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Изатуллои Ҳабибзод дар мавзуи "Самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (Амнияти иқтисодӣ) дар сатҳи баланди илмӣ–методӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст» мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (Амнияти иқтисодӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Точикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Абдуалимзода Ҳ.А.**

Имзои Абдуалимзода Ҳакимбек Абдуалим номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Точикистонро тасдиқ менамоям:

**Мудири шуъбаи кадрхо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон** **Шарипов У.А.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14
Тел: 992) 231-02-01 E-mail: tgfeu@tgfeu.tj